Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077
дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
(734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов -11/2)

## ТАҚРИЗИ

мукаррizи расмӣ – доктори илмҳои педагогӣ Назаров Аҳтам Пулотович ба диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мубрам будани мавзуи тадкиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдуллозода Наҷибулло пешниҳод мекунад, ки таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва санҷишиву таҷрибавии шароитҳои дидактикии ташаккули салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад. Аз диди мо натиҷаи ин кор ҳамеша барои шинохти шароитҳои дидактикии ташакули салоҳияти хонандагон, исифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва роҳҳои таъмини самаранокӣ ва натиҷанокии он судманд хоҳад буд.

Истифодаи ТИК муносибати инноватсионӣ буда, барои тайёр намудани мутахассисон ва бунёди системаи инноватсионии таълим мусоидат мекунад. Он ба самаранок намудани фаъолияти зеҳнӣ ва тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир нигаронида шудааст. Яке аз масъалаҳои муҳим ташаккули салоҳиятҳои гуногуни хонандагон дар асоси истифодаи ТИК мебошад.

Салоҳиятнокӣ натиҷаи таҳсилот буда, ба рушди шахсият, қобилияти маърифатӣ ва мутобиқгардии фаъол дар бозори меҳнат нигаронида шудааст. Салоҳият ва салоҳиятнокии истифодаи ТИК яке аз унсурҳои таркибии ихтисосмандии хонандагон ба ҳисоб меравад ва бояд дар алоқамандӣ бо қобилиятҳои психологиву педагогӣ дар асоси таҷрибаи хонандагон ташаккул ёбад.

Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ босуръат рушд мекунанд, истифодаи онҳо дар соҳаи маориф на танҳо як тамоюл, балки зарурати воқеӣ ба шумор меравад. Ворид намудани ТИК ба раванди таълим имконият медиҳад, ки шакл ва методҳои таълим дигаргун шуда, ба талаботи замон мутобиқ гарданд. Инчунин, он баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон, рушди малакаҳои эҷодӣ ва таҳлилии онҳо мусоидат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои. ҳимоя пешниҳод мешаванд:** Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва тадқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Абдуллозода Наҷибулло, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои коркард ва манзурнамудаи у бозгуи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди тадқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии тадқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии тадқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- роҳҳои такмили усулҳои ташаккули салоҳиятнокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии хонандагон, сохтор ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд;

- ба таври маҷмуӣ баҳогузории амалӣ ва объективии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳиятҳои азхудкунии хонандагон собит карда шудааст;

- нақш ва мақоми салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун замина ва пойгоҳи асосии ташаккул ва инкишофи шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон асоснок карда шудааст;

- равишҳои педагогӣ ба ташаккули салоҳиятҳои ТИК асоснок карда шуда, тавассути озмоиши педагогӣ санҷида шудаанд ва дар асоси онҳо хулоса ва тавсияҳо барои рушди салоҳиятҳои асосии ТИК-и хонандагон таҳия карда шудаанд.

Нуқтаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи тадқиқоти илмӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди тадқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии тадқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- дар шароити муосир, салоҳият ва салоҳиятмандӣ ҳамчун омили муҳими рақобатпазирӣ ба ҳисоб мераванд. Сатҳи баланди салоҳиятнокӣ дар иҷрои фаъолияти муайян, азхудкунии низоми донишҳо, қобилият ва маҳорат, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии шахсӣ, ки талабот, муқаррарот, ангезаҳо ва

тасаввуроти шахсро дар бар мегирад, бевосита ба сатҳу сифати салоҳиятҳои хонанда вобаста аст. Салоҳият ва салоҳиятнокӣ на танҳо дар раванди таълим, балки зери таъсири арзишҳои оилавӣ, муносибатҳои рафиқона, унсурҳои динӣ, арзишҳо ва анъанаҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад;

- дар ташаккули салоҳияти хонандагон принсипҳои дидактикӣ, ки ба мазмун, метод ва шаклҳои таълим таъсир мерасонанд, аҳамияти калон доранд. Шартҳои муҳими дидактикӣ дар ташаккули салоҳият ин ба инобат гирифтани нақши донишҳои назариявӣ, ягонагии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда, ҳавасманднамоӣ ва муносибати мусбӣ ба таълим мебошанд;

- яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самаранок гардонидани тайёрии хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, таъмини шароитҳо барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкории субъектҳо зарур аст. Салоҳияти коммуникативӣ бо сатҳи азхудшудаи маҳорат ва малакаҳои нутқӣ, ки вазъияти рафтори кории нутқиро муайян менамояд, тасниф карда мешавад. Дар ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон технологияи бозӣ васеъ истифода бурда мешавад. Ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон аз салоҳияти зеҳнӣ вобаста аст, зеро он ҳамчун заминаи азхудкунии донишҳо дар соҳаҳои мухталиф баромад менамояд. Салоҳияти зеҳнӣ ва коммуникативӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои камолоти зеҳнӣ ва ташаккули шаклҳои дигари салоҳият ва салоҳиятнокӣ арзёбӣ мешаванд;

- ташаккули салоҳиятҳои асосӣ дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбати хонанда ба миён меояд, ангезаҳои маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мешаванд. Ин ба мутахассис имкон медиҳад, ки вазифаҳои касбиро дар асоси донишҳо, малакаву маҳорат, мавзӯъ ва модулҳои фаъолияти касбӣ, услубҳо, воситаҳо ва технологияҳои азхудшуда ҳал намояд. Тадқиқотҳо дар самти истифодаи технологияҳои компютерӣ дар таълим нишон медиҳанд, ки истифодаи онҳо дар раванди таълим нисбатан самаранок аст;

- мақсади корҳои озмойишӣ аз муайян намудани самт ва марҳилаҳои кор нисбати ошкор намудани ташаккули салоҳияти хонандагон бо истифода аз технологияи компютерӣ, ошкор намудани нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ ва муайян намудани сатҳи аввалини ташаккули салоҳияти хонандагон, таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ниҳоии корҳои санҷишиву озмойишӣ иборат аст. Солҳои охир саъю кӯшиш карда мешавад, ки методҳои мувофиқи ташхиси салоҳият ва салоҳиятнокӣ коркард карда шавад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, ки дар тадқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии тадқиқот, инчунин бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуктаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи тадқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Нуқтаи бисёр зарурӣ ва характерноки рисола дар он аст, ки ба муҳимтарин масъалаҳо, ба монанди омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои шахсии хонанда, хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон равшанӣ ондохта шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии тадқиқотро ифода карда, дар 10 номгӯйи мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла, 5 номгӯйи онхо, ки дар нашрияхои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:** Тартиби тахияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва маводи дигари илмӣ мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти тадқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Боби аввал **«Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим»** аз ду фасл иборат аст. Фасли якуми боби якум «Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосоии хонандагон дар раванди таълим» номгузорӣ шудааст.

Дар фасли якуми боби аввали диссертатсия «Омилҳо, шароит ва технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар раванди таълим», масъалаҳои мафҳуми салоҳият ва намудҳои салоҳиятнокиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд намудааст, ки дар доираи илми педагогика пештар муносибатҳои илмӣ ҷой доштанд, ки мувофиқи онҳо "салоҳиятнокӣ" (ба даст овардан, мувофиқ будан) ҳамчун илм ва таҷриба дар ин ё он соҳа, ҳамчун имкониятҳои шахсии мансабдори муайян, дониш ва

таҷрибаи ӯ, ки имконият медиҳад дар коркарди доираи муайяни қарорҳо иштирок намояд ё масъаларо худ ҳал намояд, тасниф карда мешуд. Салоҳият ва салоҳиятнокии хонандагон ба таври мустақил бо истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва иттилоотӣ дар фанни алоҳида ташаккул намеёбанд. Ташаккули ва мукамаалгардии минбаъдаи онҳо дар доираи тамоми фанҳо дар раванди таълим бо назардошти алоқаҳои байнифаннӣ амалӣ мегардад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи салоҳитяҳо бо назардошти он, ки рушди ҳар як унсури он дар давраи алоҳида боиси рушди унсурҳои дигари он мегардад, ҷудо намуд. Ташаккули салоҳиятҳо аз ташхис ва таҳлили донишҳо, маҳорат, қобилият ва инчунин талаботҳову имкониятҳои хонанда оғоз мегардад. Номуваффақии хонанда дар азхудкунии салоҳиятҳо одатан аз сатҳи пасти ҳавасмандӣ, ҷой надоштани хоҳиши устувори бадастории онҳо бармеояд. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон аз низоми ҳавасу шавқмандии онҳо бармеояд.

Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия «Хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», истифодаи шаклҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳо бо истифода аз технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим баррасӣ карда шудааст. Мавриди истифода қарор гирифтани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, аз бисёр ҷиҳат самаранокии таълим, мукаммал ва тақвияти метод ва шаклҳои таълимро таъмин менамоянд. Чунин тағйироту дигаргуниҳо дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба самаранок гардидани таълим оварда мерасонад. Воситаҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ, ба монанди видеоконференсияҳо, воситаҳои мултимедӣ, сомонаҳо барои иҷро намудани вазифаҳои мухталифи омӯзгор ва хонандагон истифода гардида, ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат менамоянд. Тариқи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дастрасӣ ба ҳаҷми бузурги иттилоот, коркард, қувват гирифтани имкониятҳои маърифатӣ ва тадқиқотӣ, ташкили ивазнамоии иттилоот дар асоси мазмуну мундариҷаи фаъолият таъмин карда мешавад.

Дар шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ рушди муҳити ягонаи таълимиву иттилоотӣ вазифаи муҳими модернизатсияи маориф ба ҳисоб меравад. Субъекти пешбаранда дар муҳити таълимии иттилоотӣ омӯзгор ба ҳисоб меравад, зеро маҳз омӯзгор ба кадом сифат, ҳаҷм ва барои кадом мақсадҳо истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро дар раванди таълим муайян менамояд, то ки салоҳиятҳои зарурӣ ташаккул дода шаванд.

Боби дуюми диссертатсия «Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», аз се фасл иборат аст ва баррасии нақш ва мақоми низоми компютерӣ-иттилоотии таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии фаро мегирад.

Дар фасли якуми боби дуюми диссертатсия бо номи "Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун қисми асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон" масъалаи ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳлили вазъияти имрӯзаи системаи таҳсилои миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои асосии беҳтар ва самаранокнамоии тайёр кардани хонандагон ташаккули мақсадноки салоҳияти коммуникативии онҳо ба ҳисоб меравад. Салоҳияти коммуникативӣ мавзуи омӯзиши соҳаҳои мухталифи илмӣ оид ба инсон – физиология, психология, сотсиология, педагогика, лингвистика ба ҳисоб меравад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ салоҳиятҳои калидӣ, аз он ҷумла салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтааст. Хонандагони салоҳиятнокро метавон танҳо дар раванди ҳамкориҳои фаъоли коммуникативӣ тайёр намуд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои рушди маҳорати таҳлил ва таснифоти иттилоот дар доираи ҳамкориии субъектҳо тамоми шароитҳо таъмин карда шаванд.

Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия «Ташаккули салоҳияти хонандагон дар раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ» ташаккул ва инкишофи салоҳияти хонандагон дар истифода намудани технологияҳои компютерӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ташаккули салоҳиятҳо дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ амалӣ мегардад, зеро дар марҳилаи худогоҳӣ ва ҷаҳонбинӣ ташаккули шавқу рағбати хонанда ба миён меояд, ангезаҳои маърифатӣ қувват мегиранд, қарорҳои мустақил қабул мешаванд, худмукаммалнамоии шахсӣ ва худинкишофдиҳии шахсӣ амалӣ мегардад. Дар муассисаи таълимӣ ташаккули нуқтаи назар ва муносибат амалӣ гардида, таҷассуми маънавӣ ва эстетикии воқеият рушд менамояд, ташаккул ва мустаҳкам гардидани доираи характер, одатҳо ва муқаррарот ба миён меояд. Дар ин марҳила азхуднамоии тамоми системаи нақшҳои иҷтимоӣ: таълимӣ, шаҳрвандӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва сиёсӣ, ки дар мустақилияти хонанда ифода мегардад, амалӣ мегардад.

Дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсия "Кори санҷишиву озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он" раванди гузаронидани корҳои таҷрибавӣ озмойишӣ ва натиҷагирӣ аз он баён гардидаанд. Кайд карда шудааст, ки омӯзиши равандҳо ва падидаҳои педагогӣ ҳамеша санчиши озмоишии фарзияҳои

пешниҳодшударо талаб менамоянд. Воситаи боэътимоди ба даст овардани далелҳо, озмоиши педагогӣ – навъи таҷриба, ки дорои хусусияти маърифатӣ, мақсаднокӣ, тадқиқотӣ, методӣ буда, дар доираи шароити махсуси муайяншуда гузаронида мешавад. Корҳои озмоишӣ ин методи эмпирикӣ мебошад, ки ғояи асосии он дар дарки падида ва равандҳо дар шароити идорашаванда ва назоратшаванда зоҳир мегардад. Ҳадафи озмоиш – санҷидани самаранокии истифодаи технологияи итилоотӣ-комуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои афзоиши дараҷаи дониш ва малакаҳои умумикасбӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Натиҷаҳои озмоишҳои бадастомада нишон медиҳад, ки сатҳи функсионаливу системавӣ аз сатҳи оддӣ баланд аст. Яъне, дар давоми таҳсил имконият пайдо гардидидааст, ки хонандагон салоҳият ва салоҳиятнокии худро дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ инкишоф диҳанд. Ба таври умумӣ чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуданд: сатҳи баланд – 12,4%, сатҳи миёна 21,6 %, Сатҳи паст – 65,8%.

Ташкил ва гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷанбаи фаъолонаи таҳаввулӣ дошта, барои ҳалли якчанд вазифаю супоришҳо мусоидат мекунад. Тавлидот ва такрористеҳсолии натиҷаҳои эксперимент гурӯҳҳои гуногуни хонандагон мавриди санҷишу тафтиш қарор дода шуд, ки ҳамин предметро меомӯхтанд ва тамоюли рушди ташхисиро тасдиқ намуданд. Аз таҳлили кор бармеояд, ки дар хонандагон гурӯҳҳои экспериментали инҳо ташхис мешаванд: афзоиши моҳият ва таъйиноти дараҷаи муташаккилияти донишҳои умумикасбӣ оид ба предмет; дараҷаи баландтари азхудкунии маводи таълимии предмет оид ба қобилияти ҳаллу фасли вазифаю супоришҳои маъмулӣ; афзоиши ангеза нисбати фаъолияти идрокию маърифатӣ (сатҳи баланд – 12,4%, сатҳи миёна 21,6 %, Сатҳи паст – 65,8%).

Саҳми шахсии довталаб дар натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, таҳияи муқаррароти пешбарии тадқиқот, методикаи амсиласозии компютерӣ дар таълими графикаи компютерӣ ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гузаронидани корҳои таҷрибавӣ ва ҷустуҷӯӣ оид ба ин масъала, ба даст овардани умумияти назариявӣ ва шарҳ додани маълумотҳои таҷрибавӣ саҳми шахсии муаллифро муаррифӣ менамоянд. Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо бутунияти сохтории диссертатсия таъйид гашта, дар шакли алоқаҳои байниҳамдигарӣ сурат гирифта, дар доираи тадқиқоти назариявӣ, амсиласозиҳо ва компютерӣ саҳми босазо метавонад гузорад.

Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст оварда шуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълим ва информатика дар саросари ҷаҳон такя

мекунад. Аз ин равия дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар баланд бардоштани сифати таълим; таҳлили асосҳои методии ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз технологияҳои мултимедиавӣ; мутобиқати вазифаҳои гузошташуда бо методҳои тадқиқот; иштироки диссертант дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ; нишон додан ва собит намудани бартарияти методикаи таълими мултимедиавӣ; асосноккунии асосҳои методии ҷараёни таълим, натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Унвонҷӯ дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассисе, ки солҳои зиед дар соҳаи маориф ва илми кишвар кору фаъолияти муназзам намудааст ва донандаи хуби кадрҳои чавони соҳаи маориф ва илм мебошад, худро муаррифӣ карда тавонистааст. Автореферат низ ба талабот ҷавобгу буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Аз ин ру, бо боварии том метавон диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло-ро кори илмии бaанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

**Эрод ба тадқиқоти диссертатсионӣ.** Дар маҷмуъ диссератсия дар асоси талаботи таълифи диссертатсияҳо ба вуҷуд омада, забон ва сабки баёни муаллиф низ ҷолиб аст. Барои хубтар шудани сатҳу савияи рисола ва амиқрафти таҳлил дар он чанд пешниҳодро савоб медонем:

1. Муаллиф оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тадқиқот гузаронида, маълумоти умумӣ дар дисертатсия овардааст. Хуб мешуд, ки як фанро интихоб намуда, оиди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тадқиқот гузаронида онро асоснок менамуд.

2. Муаллиф дар қисмати сохтории диссертатсия ва автореферат қайд мекунад, ки оид ба кор 4 мақолаи тақризшаванда нашр кардааст, ҳол он ки дар рӯйхати интишорот 5-то аст.

3. Дар диссертатсия ва автореферат хулосаҳои умумӣ оварда шудаанд, аммо истинод ба интишороти довталаб дарҷ нагардидаанд.

4. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи илмӣ-тадқиқотӣ ба меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад вале баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ:**

1. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло кори ба итмомрасидаи илмӣ-тадқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди тадқиқоти диссертатсионии худ гузоштагашуда ноил шуда, вазифаҳои илмии тадқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи тадқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло, ки дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба шиносномаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология (6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи технологияи
информатсионӣ ва коммуникатсионии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Назаров
Аҳтам
Пулотович

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-121
Тел: (+992) 908-08-2384
E-mail: ahtam_69@mail.ru

7.07.2025

Имзои Назаров А.П-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ

А. Мустафозода